*Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 004*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Раҷабов Раҷаб Кӯчакович ба диссертатсияи Саидова Хисния Маҳмадулоевна дар мавзӯи: «Ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ», аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – назарияи иқтисодӣ пешниҳод карда шудааст**

**Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот.** Дар раванди баҳодиҳии рушди соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ҷойи асосиро омӯзиши ҳаматарафаи пешниҳоди онҳо бо назардошти истифодаи ҳаматарафаи имкониятҳои мавҷуда устувории иқтисодии мамлакат ишғол менамояд. Гузаронидани ислоҳоти сохахои иҷтимой дар тамоми давлатҳо ба манфиати ахолӣ буда, бевосита ба сатхи некуахволии моддӣ, истеъмол, дарозумрӣ, тарзу сифати хаёт ва фаъолнокии мехнатию ичтимоии он таъсири бевосита мерасонад. Таҳқиқотҳои ба анҷом дода шуда аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки соҳаи иҷтимоӣ ба сифати механизми асосии такрористеҳсоли сармояи инсонӣ баромад намуда ба сифати омили асосии рушди иқтисодӣ дида баромада мешавад. Бо назардошти ин дар шароити муосири муносибатҳои бозорӣ таҳқиқи масооили рушди хизматрасонихо дар соҳаҳои иҷтимоӣ на танҳо мубрам, балки масъалаи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Дар шароити муосир афзоиши аҳамияти таҳқиқоти назариявӣ оид ба масъалаҳои соҳаи иҷтимоӣ дар он аён мегардад, ки сиёсати ичтимоию иктисодии давлатҳо барои ташкили шароите равона шудааст, то зиндагии арзанда ва рушди озоди инсонро таъмин намуда мухимтарини онҳо қонеъсозии талаботи ахолӣ бо хизматрасонихо, махсусан, хизматрасонии иҷтимоӣ мебошад, ки ба рушди фаъолияти иқтисодӣ ва дар маҷмӯъ, ба беҳтаршавии вазъи иқтисодӣ ва шароити зист оварда мерасонад. Дар ин раванд яке аз вазифаҳои асосии давлат ҷиҳати ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ ба ҳисоб рафта барои ҳалли он маблағҳои заруриро дар соҳаи иҷтимоӣ, аз он ҷумла ба соҳаи маориф, тандурустӣ, фарханг, илм, омодасозӣ ва бозомӯзии кадрҳо талаб менамояд.

Бояд қайд намуд, ки барои ташаккулдиҳӣ ва рушди сармояи инсонӣ маблагузории он яке аз омилҳои асосии пешрафти иктисодию иҷтимоии ҷомеа баҳисоб меравад. Новобаста ба ин баъзе паҳлӯҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ ба пуррагӣ омӯхта нашудаанд ва пешбурди таҳқиқоти махсусро тақозо менамояд. Аз ин

лиҳоз муҳимияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Саидова Ҳ.М. бебаҳс мебошад.

**Сатҳи таҳқиқи илмии мавзӯи диссертатсия ва дараҷаи асосноккунии он** аз дуруст истифода намудани усулҳои таҳлил ва банизомдарории истифодабарии маводи таҳлили муқоисавӣ, таҳлили иқтисодӣ-оморӣ, сохторӣ, таҳқиқоти бонизом, таҳлили таърихии давраи тоислоҳотӣ ва шароити муосир, усулҳои умумисозӣ ва баҳодиҳии экспертӣ, индуксия ва дедуксия ва ғайраро дар бар мегирад.

**Дараҷаи асоснокии маънидоди илмӣ ва навгонии илмии диссертатсия.** Дар асоси омӯзиши рисола муайян намудем, ки навгонии илмии таҳқиқот дар асоси баррасии ҷабҳаҳои иқтисодию ташкилии соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоии тандурустӣ ва соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчун маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ асос ёфтаанд.

Дар рисола дар асоси омӯзиши ҳамаҷонибаи ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ, тавзеҳи муаллифии мафҳуми хизматрасонии иҷтимоӣ дида баромада шуда, алоқамандии он бо маблағгузории сармояи инсонӣ ошкор ва нақши соҳаи хизмат-расониҳои иҷтимоӣ дар мукаммалгардонии раванди ташаккулёбии сармояи инсонӣ ва муҳиммияти он барои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷамъият муайян карда шудааст.

Диққати асоси ба баҳодиҳии таъсири чораҳои ба самти танзими тақозо ва арзаи хизматҳои тиббӣ нигаронидашуда дар ҳолати гузаронидани ислоҳоти соҳаи тандурустӣ дода шуда, хусусиятҳои рушди хизматрасонии тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ин хизматҳо асосан хизматҳои статсионарӣ мебошанд, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян карда шудааст, ки хизматрасониҳои амбулаторӣ метавонанд барои кам гардидани ин хизматрасониҳо мусоидат намоянд.

**Дар сатҳи зарури** мушкилоти хизматрасониҳои соҳаи маорифи таҳсилоти олии касбӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ муайян карда шуда, паст будани сифати ин хизматрасониҳо, вобаста ба талаботи бозори меҳнат тайёр накардани кадрҳо, номувофиқ будани омодасозии кадрӣ ва тақозо ба кадрҳо баҳо дода шудааст. Инчунин дар рисола хусусиятҳои рушди хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ошкор карда шуда, муайян карда шудааст, ки барномаи кафолати давлатӣ ҳуҷҷати муҳим барои рушди соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ, дастрасии аҳолӣ ба ин хизматрасониҳо, аз ҷумла хизматрасониҳои тиббӣ мебошад ва чандирии тақозо ва арзаи ин хизматрасониҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ муайян карда шудааст.

Боиси дастгирӣ самтҳои ояндаи пешниҳодшудаи рушди хизматрасониҳои тандурустӣ ҳамчун стандарти минималии иҷтимоии

тандурустӣ ва чораҳо барои баландбардории самаранокии хизматрасониҳои тиббии аввалия ба воситаи афзоиши тақозои аҳолӣ мебошад. Аз тарафи дигар пешниҳоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ барои беҳтарсозии сатҳи зиндагии аҳолӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии мардум таъсири мусбӣ мерасонанд.

**Дар рисола** роҳҳои мукаммалгардонии самаранокии соҳаи хизматрасонии маорифи муассисаҳои олии касбӣ вобаста ба устувор гардонидани раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; мутобиқнамоии барномаҳои таълимӣ ба стандартҳои ҷаҳонӣ; воридшавии маорифи таҳсилоти олии касбӣ ба бозори ҷаҳонии хизматрасониҳои маорифро дар бар мегирад, асоснок ва пешниҳод карда шудааст.

**Мазмуни кори дисертатсионӣ. Тарафҳои мусбат ва норасоиҳо.**

Вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот сохтор ва мундариҷаи диссертатсия муайян карда шудааст. Рисола 186 саҳифаро дар бар гирифта, аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, нуҳ расм, понздаҳ ҷадвал ва аз 160 номгӯйи адабиёт иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯъ, сатҳи таҳқиқ, навгонии илмии он асоснок карда, ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот муайяншуда, заминаи маъхазшиносӣ ва аҳамияти амалии кори илмӣ тавсиф дода шудааст.

**Дар боби аввали рисолаи диссертатсионӣ «Асосҳои назариявии таҳқиқоти соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ»** (саҳ. 15 – 62) таҳаввулоти назарияи хизматрасонӣ дар шароити дигаргуншавии муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ омӯхта шуда муайян намудани хизматрасонии иҷтимоӣ ҳамчун категорияи иқтисодӣ сурат гирифтааст ва нақши соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъият муайян карда шудааст.

Дар ҳақиқат муаллиф дуруст қайд менамояд, ки ҳангоми муайян намудани хизматрасонии иҷтимоӣ, як қатор омилҳо бояд, аз ҷумла зарурати ҷамъиятии хизматрасониҳои иҷтимоӣ; ташкили бозори хизматрасониҳои иҷтимоӣ; имконияти интихоби озоди хизматрасониҳои иҷтимоӣ; вобастагии хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз шароитҳои минтақа; инфиродисозии хизматҳо вобаста ба талаботи мизоҷон; самтнокии хизматрасонӣ ба шахсияти мизоҷон ба инобат гирифта шаванд. Бо назардошти ин дар рисола ташаккулёбии сохтори низоми соҳаи хизматрасонӣ ба аҳолӣ баррасӣ карда шуда, сохтори умумии талаботҳои аҳолӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ баҳо дода шуда, гурӯҳбандии инфрасохтори иҷтимоӣ ба анҷом дода шудааст.

Дар рисола диққати асосӣ ба таҳқиқоти нақши соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъият бо назардошти мавқеи сармояи инсонӣ дар рушди соҳаи хизматрасонӣ дида баромада шудааст.

**Дар боби дуюми рисолаи диссертатсионӣ «Хусусиятҳои соҳаи хизматрасониҳои ичтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ»** (саҳ. 63 – 114) таҳлили вазъи соҳаи хизматрасонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонида шуда, хусусиятҳои рушди соҳаи хизматрасонии тандурустӣ дар шароити муосир муайян карда шуда, вазъи хизматрасонии соҳаи маорифи таҳсилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар раванди гузаронидани таҳлил дар рисола сохтори ММД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2012-2019 омӯхта шуда, динамикаи он аз рӯйи соҳаҳои асосии иҷтимоӣ баҳо дода шудааст.

Ҷойи асосиро дар рисола омӯзиши ҳаҷми хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ бо нархҳои муқарраргардида дар солҳои 2005-2018 ишғол намуда ҳаҷми амалигардонии хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ дар минтақаҳо баҳо дода шуда тамоюли рушди соҳаи хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди гузаронидани ислоҳоти иқтисодии ҷумҳурӣ, ташаккулёбии шаклҳои нави хоҷагидорӣ муайян карда шудааст.

Дар рисола хусусиятҳои рушди соҳаи хизматрасонии тандурустӣ дар шароити муосир ба тариқи аниқ муайян карда шуда динамикаи нишондиҳандаҳои асосии рушди ин хизматрасонӣ дар солҳои 2011-2019 баҳо дода шудааст. Инчунин дар диссертатсия таъсири ҳаҷми хизматҳои тиббӣ ва хароҷот барои хизматрасонии тиббӣ ба некуаҳволии аҳолӣ аз рӯйи модели неоклассикӣ муайян крда шуда, дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда хусусиятҳои муайяни рушди хизматрасониҳои тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Таҳлилҳо нишон дод, ки муаллиф дар рисола вазъи хизматрасонии соҳаи маорифи таҳсилоти олии касбиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо далелҳо ва натиҷаҳои бадаст овардашуда мавриди таҳқиқ қарор дода пешниҳодҳои мушаххасро нисбати беҳдошти онҳо асоснок кардааст.

**Дар боби сеюми рисолаи диссертатсионӣ «Роҳҳои баландбардории сифати хизматрасониҳои ичтимоӣ дар шароити муосир» ( саҳ. 115 – 160 )** такмилдиҳии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити муосир пешниҳод гардида, роҳҳои мукаммалгардонии сифати хизматрасонӣ дар соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст. Инчунин баландбардории самаранокии соҳаи хизматрасонии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳо дода шудааст.

Дар рисола ба такмилдиҳии хизматрасониҳои иҷтимоӣ бо назардошти гузаронидани SWOT-таҳлили соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати асосӣ дода шудааст. Дар ҳақиқат муаллиф

дуруст қайд менамояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки худ давлати иҷтимоӣ мебошад, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, такмилдиҳии соҳаҳои калидии расонандаи хизматҳои иҷтимоӣ, яке аз вазифаҳои асосии давлат ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз ҷиҳати беҳтарсозии соҳаи хизматрасониҳои иҷтимоӣ мукаммал гардонида низоми қонунгузории соҳа дар асосӣ барномаҳои мақсаднок ва самаранок истифодабарии хизматрасониҳои иҷтимоӣ роҳандозӣ карданро зарур мешуморад.

Ба ақидаи мо роҳҳои мукаммалгардонии сифати хизматрасонӣ дар соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муаллиф пешниҳод намудааст боиси дастгирӣ мебошад ва схемаи интихоби варианти самараноки расонидани хизматҳои тиббӣ басо зарур аст.

Пешниҳодҳои муаллиф ҷиҳати баландбардории самаранокии соҳаи хизматрасонии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон хело хуб асоснок ва пешниҳод гардидаанд. Диққати асосӣ ба моделли имитатсионии занҷири пешниҳоди маҳсулоти инноватсионии таҳсилот дар соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар асоси таҳлили вазъи муосири соҳаи маориф, самтҳои афзалиятноки рушди хизматрасониҳои маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи муаллиф пешниҳод карда шудаанд. Новобаста ба ин муаллиф дуруст қайд менамояд, ки сатҳи хизматрасониҳои маориф дар ҷумҳурӣ новобаста ба чораҳои андешидаистода ва гузаронидани ислоҳот беҳбудиро талаб мекунад.

Дар хулосаи диссертатсия (**саҳ.161-164**) муаллиф тавсияҳо ва пешниҳодҳо доир ба такмили ҷанбаҳои ташкилӣ-иқтисодии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баён намудааст.

Новобаста бо бартариятҳо диссертатсия аз камбудиҳо холӣ нест. Ба қатори онҳо нуктаҳои зеринро баён намудан зарур аст:

1. Дар диссертатсия дар сатҳи зарурӣ асосҳои назариявии таҳқиқи хизматрасонии иҷтимоӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ дида баромада шудааст. Мутаассифона дар раванди омӯзиши заминаҳои методӣ на ҳамаи ҷабҳаҳои назариявӣ ва масоил нисбати таҳқиқи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба пуррагӣ омӯхта шудааст. Инчунин дар ин боб хизмати таҳқиқотчиёни ватанӣ доир ба ин масоил бо назардошти консепсияи муосири рушди хизматрасониҳои тиббӣ ва таҳсилотӣ баррасӣ нашудааст.

2. Дар боби дуюми рисола таҳлили вазъи хизматрасонии иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом дода шудааст. Мутаассифона дар диссертатсия баъзе аз хулосаҳои муаллиф нисбати гузариш ба идоракунии ратсионалии хизматрасониҳои иҷтимоӣ аз нуқтаи назари илмӣ ба пуррагӣ дақиқ нагардида, модели ратсионалии расонидани ин хизматрасониҳо ба аҳолии минтақаҳои Тоҷикистон пешниҳод нагардидааст.

3. Дар рисола ҷойи махсус ба такмилдиҳии хизматрасониҳои иҷтимоӣ дар шароити муосир дода шудааст. Вале арзёбии пурраи самаранокии ин хизматрасониҳо ба қиршҳои алоҳидаи аҳолӣ дида баромада нашудааст. Инчунин омилҳое, ки ба арза ва тақозо ба хизматрасонии иҷтимоӣ таъсир мерасонанд пурра мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор дода нашудаанд.

4. Дар рисола роҳҳои мукаммалгардонии сифати хизматрасони дар соҳаи тандурустии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Мутасифона пешниҳодҳои мушаххас нисбати ин хизматрасониҳо ва муҳимияти рушди он бо назардошти дараҷаи номукаммалии инфрасохтори хизматрасонии тиббӣ дар минтақаҳои кӯҳсори кишвар дида баромада нашудааст.

5. Дар рисола ба баландбардории самаранокии соҳаи хизматрасонии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати махсус дода шудааст. Мутаассифона дар диссертатсия масъалаи баландбардории самаранокии ин хизматрасониҳо бо истифодаи технологияи муосир ҳаматарафа баррасӣ нагардида, ташкил ва алоқамандии шабакаҳои маҳаллию марказӣ ва пайваст шудани онҳо ба шабакаи байналмилалӣ ҳангоми баррасии хизматрасониҳои таҳсилотӣ дур аз таҳқиқ мондааст.

6. Рисола дорои хатоиҳои зиёди грамматикӣ ва орфографӣ мебошад. Инчунин ҳангоми тартиб додани номгӯйи адабиёт талаботҳо ҷиҳати навиштани онҳо риоя карда нашуда, истифодаи адабиётҳои нав ва олимони ватанӣ нокифоя мебошад.

Камбудиҳое, ки дар боло қайд карда шуданд, моҳияти назариявӣ ва амалии рисолаи мазкурро кам намекунанд ва дорои характери тавсиявӣ мебошанд.

**Автореферат ва корҳои** чопшуда ба пуррагӣ таркиби диссертатсияро дар бар мегиранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар маҷмӯи корҳои илмию амалӣ ва дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда нашр шудааст.

**Таҳлили рисола нишон дод, ки** соҳаи таҳқиқ ба бандҳои Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илмӣ (илмҳои иқтисодӣ) аз руйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ бандҳои 1.1. Сохтор ва қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ; манфиатҳои иқтисодӣ; давраҳои истеҳсолоти ҷамъиятӣ, самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ; амали ҳамзамони қувваҳои истеҳсолкунанда, шаклҳои иқтисодӣ, методҳои хоҷагидорӣ ва сохтори ниҳодӣ; назарияи механизми хоҷагидорӣ ва инкишофи он: усул (принсипҳо), тамоюлҳо ва вижагиҳо; қонуниятҳои таҳаввулоти низомҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ; нақш ва вазифаи давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар амалкарди

системаҳои иқтисодӣ; 1.2. Назарияи микроиқтисод: назарияи тақозои истеъмолӣ; назарияи ташкилии бозорҳо; назарияи иқтисодиёти некуаҳволӣ; алоқамандии некуаҳволии инфиродӣ ва ҷамъиятӣ бандҳоимувофиқат мекунад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илмии ба анҷом расида махсуб шуда, дорои пешниҳодҳои мушаххас нисбати такмилдиҳии хизматрасониҳои тиббӣ ва таҳсилотӣ мебошад.

Аз ин рӯ, мо чунин меҳисобем, ки диссертатсияи Саидова Ҳисния Маҳмадулоевна дар асоси талаботи илмӣ-назариявӣ ва амалияи муосир анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯ ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст. Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ дода шавад.

**Муқарризи расмӣ, д.и.и.,**
**профессор, сардори раёсати илм**
**ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии**
**тиҷорати Тоҷикистон** **Раҷабов Раҷаб Кӯчакович**

**Суроғаи донишгоҳ:** 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳоти, ½, Телефон: +992(37)234-83-46, +992(37)234-85-46,(+992)934444107 (м.). E-mail: drrajab@mail.ru, www.tguk.tj.

Имзои д.и.и., профессор Раҷабов Р.К.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДТТ Пирзода С.С.